**КОМИССИЯИ АВРУПО**

# Варақаи хабарӣ

Брюссель, 08 июни соли 2012

## Сарфи назар аз душвориҳои дохилӣ шумораи рекордии аврупоиҳо кӯмаки башардӯстонаи Иттиҳоди Аврупоро дастгирӣ мекунанд

Дастгирии ҷомеаи Иттиҳоди Аврупо ба расонидани кӯмаки башардӯстона сарфи назар аз бӯҳрони иқтисодӣ зиёд шуд. Ин аст яке аз натиҷаҳои асосии пурсиши охирини Евробарометр оиди кӯмаки башардӯстона ва мудофиаи шаҳрвандист.

Нӯҳ андар даҳ шаҳрвандони Аврупо (88%) идомаи маблағгузориро барои кӯмаки башардӯстона аз тарафи Иттиҳоди Аврупо муҳим мешуморанд, ки ин натиҷа назар ба пурсиши пешинаи соли 2010 9% зиёдтар аст. Тақрибан шумораи баробари шаҳрвандон, 84%, ақидаи идома додани маблағгузории кӯмаки башардӯстона сарфи назар аз бӯҳрони иқтисодии ҳозира ва фишор андар молияи давлатӣ дастгирӣ менамоянд.

«Ҳатто дар замони душвор аҳли ҷомеаи Иттиҳоди Аврупо моро дар фаъолияти кӯмак расондан ба мардуми ҷаҳон, ки дар ин ҳолати сахтӣ бегуноҳанд, дастгирӣ мекунанд, ва ин кӯмак давоми ду соли охир боло рафт,» гуфт Кристалина Георгиева, Аъзои Комиссияи Аврупо оид ба ҳамкории байналмилалӣ, кӯмаки башардӯстона ва вокуниш ба ҳолатҳои фавкулода.

«Маро ҳиссиёти ифтихор барои Аврупо фаро мегирад, барои устувории ӯҳдадориҳояш ва дастгирӣ барои фароҳам овардани кӯмаки башардӯстона ва мудофиаи шаҳрвандӣ сарфи назар аз душвориҳое, ки имрӯз дучор шудаем. Мо чунин саховатмандиро чун атои ҳатмӣ намепиндорем. Вазифадорем, ки ҳадди имкон кӯмакро дилсӯзона, бо усули касбӣ ва самаранок расонем,» илова кард Аъзои Комиссия.

Нақшаи Комиссияи Аврупо дар масалаи ҳамоҳангсозии кӯмаки башардӯстонаи Иттиҳоди Аврупо ба дастгирии устувор ноил гардид, ки 71% дастгирии умумии

Тамос:
Давид Шаррок (+32 2 296 89 09)
Ирина Новакова (+32 2 295 75 17)

шаҳрвандони Аврупоро ташкил медиҳад (назар ба соли 2010 - афзоиш 13%). Аксарияти ишитирокчиёни пурсиш (88%) инчунин ташабусси ҷалбкунии ҷавононро дар чорабиниҳои расонидани кӯмаки башардӯстона дар чорчӯбаи хадамоти довталабони ИА дастгирӣ мекунанд.

Вобаста ба мудофиаи шаҳрвандӣ бошад, 82% иштирокиёни пурсиш ба он ақидаанд, ки фаъолияти ҳамоҳангнамудаи Иттиҳоди Аврупо оиди чораҷӯӣ нисбати фалокатҳо самараноктар аз фаъолияте, ки мамлакатҳои ҷудогона пеш мегиранд.

Соли ҷорӣ Комиссияи Аврупо бистумин солгарди расонидани кӯмаки башардӯстона тавассути Раёсати кӯмаки башардӯстонаи Иттиҳоди Аврупо (ECHO), аниқтар тавассути Шӯъбаи кӯмакҳои башардӯстона ва мудофиаи шаҳрвандӣ ҷашн мегирад.

Умуман ИА, яъне Косиссияи Аврупо бо ҳамроҳии мамолик-узвҳои Иттиҳоди Аврупо, донори бузургтарини кӯмаки башардӯстонаи дунё маҳсуб мешавад.

Комиссияи Аврупо маблағгузории чорабиниҳои расонидани кӯмаки башардӯстона дар кулли ҷаҳон фароҳам меоварад. Нақши асосии он дар соҳаи мудофиаи шаҳрвандӣ аз ҳамоҳангсозии расонидани кӯмак ба эҳтиёҷмандон дар манотиқи аз фалокатхо осебдида, чӣ дар дохил, ва чӣ дар берун аз Иттиҳоди Аврупо иборат мебошад.

Пурсиш дар мавзӯи мудофиаи шаҳрвандӣ нигаронии иштирокчиёнро аз ваҷҳи эҳтимолияти ба вучуд омадани офатҳои табиӣ дар қаламрави ИА нишон дод. 75% аз офатҳои сунъӣ, ба мисли рехтани маводи нафтӣ ва офатҳои ҳастаӣ изҳори изтироб намуданд. Баъдан офатҳои сунъӣ, обхезӣ ва заминҷунбӣ меоянд, ки ба назари 67% иштирокчиён гурӯҳи дуюми хатарнокиро ташкил медиҳанд, ҳол он ки 64% асосан аз амалиятҳои террористӣ ва 59% аз задухӯрдҳои мусаллаҳ изҳори нигаронӣ карданд.

Пурсиш инчунин нишон дод, ки 68% аврупоиҳо оиди маблағгузории кӯмаки башардӯстона аз тарафи ИА огоҳанд. Чор аз даҳ шаҳрванд (38%) дар бораи масъулияти ҳамоҳангсозии ИА дар доираи мудофиаи шаҳрвандӣ хабардор мебошанд.

Тахминан сеяки иштирокчиёни пурсиш худро дар масоили фаъолияти ИА дар соҳаи расондани кӯмаки башардӯстона хабардор мешуморанд, ки назар ба пурсиши пешина 12% афзоиш ёфтааст. Пурсиш дар мавзӯи мудофиаи шаҳрвандӣ зоҳир кард, ки 19% иштирокчиён худро оиди масоили фаъолияти ИА дар мавзӯи мазкур ба дараҷаи кофӣ хабардор мепиндоранд. Дар ҳар ду пурсиш иштирокчиён телевизион ва шабакаи интернетро ҳамчун беҳтарин манбаи иттилоот мешуморанд, ва манбаъҳои баъдан матбуот ва радио меоянд.

**Маълумоти заминавӣ**

Аз 25 феврал то 11 марти соли 2012 дар 27 мамолики узви Иттиҳоди Аврупо ду пурсиши махсуси Евробарометр дар мавзӯи кӯмаки башардӯстона (384) ва мудофиаи шаҳрвандӣ (383) гузаронида шуданд. Дар ҳар яки пурсиш тақрибан 27000 иштирокчиён дар асоси мусоҳибаи шахсӣ аз пурсиш гузаронида шуданд, ва аз онҳо хоҳиш карда шуд, ки дар бораи дарки шахсияшон оиди кӯмаки башардӯстона ва сиёсати мудофиаи шаҳрвандӣ аз тарафи ИА маблаггузорӣ шаванда нақл кунанд.

**Барои гирифтани маълумоти иловагӣ, ба маъхазҳои зерин муроҷиат намоед:**

МЕМО – Дастгирии ҷамъиятии фаъолияти ИА дар доираи кӯмаки башардӯстона;
МЕМО – Дастгирии ҷамъиятии фаъолияти ИА дар доираи мудофиаи шаҳрвандӣ;
Маърузаҳои Евробарометр:

Маълумотномаҳо
Видеоклип
Фаъолияти Комиссияи Аврупо доир ба расонидани кӯмаки башардӯстона ва мудофиаи шаҳрвандӣ:

http://ec.europa.eu/echo/index_en.htm

Сомонаи шахсии Аъзои Комиссия Георгиева:

http://ec.europa.eu/commission_2010-2014/georgieva/index_en.htm